ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАҲҚИҚИ СИСТЕМАВИИ РУШДИ КИШОВАРЗИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ВБД: 630 (575.34)**

**САИДАҲМАДОВ ФАРРУХ БОБОҚУЛОВИЧ**

# ТАКМИЛИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРИИ КИШОВАРЗИИ МИНТАҚА
**(дар мисоли вилояти Хатлон)**

## АВТОРЕФЕРАТИ
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи**
**илмии номзади илмҳои иқтисодӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Душанбе - 2022**

Диссертатсия дар шуъбаи бозори воситаҳои истеҳсолот ва хизматрасонии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** Султонов Зубайдулло Султонович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

Ақилҷонов Фурқат Шарифович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия санаи “07” октябри соли 2022 соати $09^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail: faridullo72@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 935730010.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва тавассути сомонаи www.tgfeu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «___» _______________соли 2022 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзудани иттиҳодҳои иқтисодию молиявӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон ва дигаргуншавии вазъи ҳамкориҳо дар самти сармоягузорӣ, муаммои танзими сиёсати сармоягузории давлат дар минтақаҳо нақши муҳимро касб менамояд. Хусусан, рушди соҳаи кишоварзӣ, ҳамчун бахши воқеии иқтисодиёт ва асосии минтақаҳо барои сармоягузорӣ маҳсуб ёфта, ба ғайр аз ин, сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ масъалаи калидӣ ба ҳисоб рафта, чун яке аз заминаҳои моддии рушди индустриалии иқтисодиёти кишвар баромад мекунад. Тадбирҳои танзими давлатии солҳои охир дар доираи механизми татбиқшаванда қабулгардида ба афзоиши иқтидори молиявии минтақаҳо равона карда шудаанд, вале мутаассифона, самаранокии таъсири онҳо ба сатҳи истеҳсолоти кишоварзӣ нокифоя аст.

Тавре зимни Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён намуданд: “Ҳоло дар кишвар татбиқи 70 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 30 миллиард сомонӣ идома дорад. Мо барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ҳамкориро бо шарикони рушд минбаъд низ идома медиҳем ва сармояи мустақими ҷалбшударо ба ворид намудани техникаву технологияҳои муосири истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатноки ватанӣ равона мекунем. Вобаста ба ин, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки фаъолияти худро доир ба беҳсозии фазои сармоягузорӣ, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва муаррифии лоиҳаҳои сармоягузорӣ вусъат бахшад”[1].

Қайд кардан зарур аст, ки барои ҷалби бештари сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёт фишангҳои макроиқтисодии андозиву буҷетӣ, пулию қарзӣ, гумрукӣ, меъёрҳои институтсионалиро, пеш аз ҳама, дар сатҳи иқтисоди миллӣ ба танзим даровардан лозим аст, ки дар натиҷа, дар сатҳи минтақаҳо самараи он маълум мегардад.

Инчунин, зарурати пурзӯр намудани сармоягузориҳои дохилӣ низ пеш омадааст, чунки аз таҷрибаи ҷаҳонӣ маълум аст, ки ягон давлат танҳо бо сармоягузории хориҷӣ иқтисодашро рушд дода наметавонад. Тавассути сармоягузории хориҷӣ фаъолнокии субъектҳои иқтисоди миллиро таъмин намудан мумкин аст, лекин фаъолияти минбаъдаашро танҳо дар асоси сармоягузории дохилӣ метавон ривоҷ дод.

Ҳолати муосири сармоягузории соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва минтақа, хусусан соҳаи кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар ин самт муаммоҳои зиёде ҷой доранд. Ба ин муаммоҳо дохил мешаванд: сатҳи пасти маърифати молиявӣ, дар сатҳи зарурӣ набудани инфрасохтори рушди дастрасии сарчашмаҳои маблағгузории молиявӣ ба субъектҳои минтақавӣ, набудани дастгирии давлатии истеҳсолоти кишоварзии минтақаҳо, ҳол он ки дар аксари давлатҳои ҷаҳон соҳаи кишоварзӣ соҳаи дотатсионӣ аст.

То кунун дар ҷумҳурӣ ва хусусан дар минтақаи Хатлон оид ба дарёфти роҳҳои такмили танзими давлатии сармоягузорӣ ба бахши аграрии минтақа гузаронида

---

[1]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Душанбе, 26.12.2018. -[захираи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/19088#-shshohin. (санаи мурочиат: 12.02.2019с.)

нашудааст. Зарур аст, ки самтҳои танзими давлатӣ ҷиҳати таъмини фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз нуқтаи назари тамоми шохаҳои кишоварзии минтақа муайян карда шаванд. Вазъи ҷойдоштаи масъалаҳои дар боло зикршуд ба таври нокифоя назарияи коркардшудаи тадқиқи муаммои мазкурро дар соҳаи иқтисодиёти миллӣ инъикос менамояд.

Вобаста ба ин, муҳиммияти мавзуи интихобшудаи диссертатсия, инчунин, арзиши илмӣ ва аҳаммияти амалии он асоснок карда мешаванд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Вобаста ба масъалаи моҳияти сармоягузорӣ ва танзими давлатии он таҳқиқоти олимони хориҷӣ Ҷ. Гобсон, А. Пигу, Р.Ховард, Ҷ.М. Кейнс, Ралф Ховард, Л.И. Абалкин, А.Г. Аганбегян, С.С. Шаталин ва дигарон, олимони ватанӣ: Р.Б. Бозоров, Р.К. Раҳимов, Т.Р. Ризоқулов, Г.М. Узақова, М. Сузуки, Л.Ҳ. Саидмуродов, А.А. Солиев, Ҳ. Умаров, Ғ. Расулов ва дигарон бахшида шудааст.

Хусусиятҳои ташаккули сиёсати аграрӣ, механизми иқтисодии ҷалби сармоягузориҳо ва таҳлили усулҳои арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар корҳои илмии олимони хориҷӣ: Е.М. Илинская, Т.П. Денисова, Уилям Шарп, Т.И. Трубитсина, Б.И. Ломакин, И.Н. Бобишева, Ралф Ховард, И.Фишер, Д.Дюи, М.М. Коробейников, А. Лаффер, олимони ватанӣ: Қ.Қ. Давлатов, С.А. Мирсаидов, Б.С. Музаффаров, Ҷ.Ҳ. Тағоев, Н.Т. Мироқилова, М.М. Саторов, С. Маъдиев, У.А. Шарипов, А.А. Орипов, А.У. Ҳомидов ва дигарон дарҷ гардиданд.

Бо вуҷуди дастовардҳои номбаршуда, дар ин таҳқиқотҳо проблемаҳои баланд бардоштани иқтидори сармоягузорӣ, коҳиш додани хавфи сармоягузорӣ, гузаронидани мониторинги сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ ва дар ин замина, таъмини ҷолибияти сармоягузории корхонаҳои минтақа ба таври васеъ илман инъикоси худро наёфтаанд. Масъалаҳои дар сатҳи паст қарор доштани танзими сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва ташаккули механизмҳои нави ҷалби сармоягузориҳо дар бахши аграрӣ зери таваҷҷуҳи махсуси таҳқиқотчиён қарор нагирифтаанд, ки ин мақсади таҳқиқотро муайян намудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муқаррарот ва нишондодҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамоҳанг буда, барои ноил гардидан ба индикаторҳои барномаи мазкур дар самти беҳсозии фазои сармоягузории соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамояд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** асосноккунии назариявӣ ва методологии тавсияҳо ва пешниҳодҳои таҳияшуда оид ба беҳтар намудани танзими давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии минтақаи мавриди омӯзиш ва таҳияи усулҳои арзёбии сатҳи ҷолибияти вилояти Хатлон ҳамчун  унсури таркибии иқтисодиёти миллӣ дар самти сармоягузорӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи муайяншуда таҳия ва ҳалли вазифаҳои зеринро тақозо мекунад:

- пайгирӣ намудани рафти инкишофи таърихии афкор дар бораи дараҷа ва ҳудуди танзими давлатӣ, ба онҳо аз нуқтаи назари мутобиқати имконпазир ба шароити кишоварзии минтақаи таҳқиқшаванда баҳо додан;
- муайян намудани дараҷаи таъсиррасонии сармоягузориҳо ба сатҳи рушди соҳаи кишоварзии минтақа ва таъмини худкифоягии озуқаворӣ дар вилояти Хатлон;
- -таҳлили вазъи кунунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти

Хатлон, муайян намудани соҳаҳои асосӣ ва тамоюлҳои рушди он;

- баҳодиҳии иқтидори сармоягузории субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи кишоварзии минтақа, муайян намудани омилҳои афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи маҳаллӣ;
- муайян намудани самтҳои перспективии ҷалби сармоягузорӣ ба бахши кишоварзии вилояти Хатлон;
- моделсозӣ ва пешгӯии ҳаҷми талабот ба сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дарояндаи наздик.

**Объекти таҳқиқот** низоми муносибатҳои танзимкунандаи фаъолияти сармоягузории корхонаҳои ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар вилояти Хатлон мебошанд.

**Мавзуи таҳқиқот** раванди сармоягузории кишоварзӣ ва стратегияи рушди он ҳамчун маҷмуи ҳадафҳо ва вазифаҳо баҳри баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармоягузориҳо дар минтақа ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи таҳқиқот**. Коркарди муқаррароти методӣ ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани таъсирнокии фишангҳои молиявӣ, ки омили рушди инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ баромад мекунанд, такмили танзими давлатии сармоягузории соҳаи кишоварзиро дар минтақаи Хатлон таъмин менамоянд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои илмии классикони назарияи иқтисодӣ, иқтисодчиёни хориҷию ватанӣ оид ба масъалаҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, инчунин, натиҷаҳои таҳлилҳои гузаронидашудаи муаллиф ташкил менамоянд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усулҳои таҳқиқоти назариявӣ-таҷрибавӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, индуктивӣ, ҳисобҳои таҳлилӣ, таҳлили муқоисавӣ, монографӣ, сотсиологӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, таҳлилӣ-омилӣ, гурӯҳбандии оморӣ ва математикӣ ташкил медиҳанд. Усулҳои зикршуда барои расидан ба мақсади дар таҳқиқот гузошташуда ва коркарди пешниҳодҳои асосноки илмӣ мусоидат менамоянд.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаи иттилоотии таҳқиқотро нишондодҳои Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти сармоягузорӣ, барномаҳои беҳтаргардонии фазои сармоягузорӣ, маҷмуаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқотро** маълумоти Сарраёсати минтақавии омори вилояти Хатлон, Раёсати хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон, методологияи танзими сармоягузориҳои соҳаи кишоварзии вилоят ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ташкил додаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз коркарди самтҳоиояндадори такмили танзими давлатии фаъолияти сармоягузории кишоварзии минтақа ва пешниҳоди модели фаъолнамоии сарчашмаҳои дохилии сармоягузорӣ аз ҳисоби муассисаҳои молиявию қарзӣ, буҷети давлатӣ ва худии корхонаҳои кишоварзии минтақаҳо иборат мебошад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда** инҳоро дар бар мегиранд:

- таҳаввулоти назариявии танзими сармоягузории минтақавӣ таҳлил гардида, дар ин асос равишҳои асосӣ оид ба моҳияти сармоягузорӣ, иқтидори сармоягузорӣ такмил дода шуда, субъектҳо ва объектҳои фаъолнокии сармоягузорӣ шиносоӣ

карда шуда, манбаъҳои маблағгузорӣ ошкор гардида, ҳудудҳои танзими давлатӣ муайян карда шуда, аз дидгоҳи мутобиқгардонии имконпазир ба шароити кишоварзии минтақаи таҳқиқшаванда санҷида шудаанд.

- дараҷаи таъсиррасонии маблағгузориҳои инвеститсионии ҷалбшаванда ба сатҳи рушди кишоварзӣ дар мисоли вилояти Хатлон ошкор карда шуда, дараҷаи вобастагии рушди иқтисодии соҳаи кишоварзии минтақа аз воридшавии сармоягузориҳо маълум карда шуда, иқтидори дастрасӣ ба худкифоягии озуқаворӣи вилоят, ҳамчун қисми таркибии амнияти озуворӣ баҳогузорӣ шудааст.

- вазъи кунунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон арзёбӣ гардида, дар баробари монеаҳои асосӣ, соҳаҳои асосӣ ва тамоюлҳои рушди он муайян карда шуда, чаҳорчӯби рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи таҳқиқшаванда муқаррар гардида, дараҷаи самаранокии маблағҳои сармоягузории ҷалбшуда муайян карда шуд.

- иқтидори сармоягузории корхонаҳои шаклҳои гуногуни моликият дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон арзёбӣ гардида, омилҳои эҳтимолии афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи маҳаллӣ, ҳаҷми воқеии сармоягузориҳои ҷалбшуда аз ҳисоби сарчашмаҳои берунӣ ва дохилӣ муайян карда шуданд, таъсири онҳо ба нишондихандаҳои ниҳоии фаъолияти иқтисодӣ вобаста ба соҳаҳои гуногуни кишоварзии вилоят маълум гардид.

- самтҳои ояндадори ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон таҳия гардида, эҳтиёҷоти мавҷудаи соҳаи кишоварзии вилоят дар танзими фаъолияти сармоягузорӣ аз ҷониби давлат омӯхта шуд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни муаммоҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ фаро гирифтааст. Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки пешниҳодҳои коркардшуда метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар такмили танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ истифода гарданд. Баъзе ҷиҳатҳои диссертатсия метавонанд дар барномаҳои давлатии дастгирии рушди комплекси кишоварзии ҷумҳурӣ татбиқ карда шаванд. Пешниҳодҳои ҷудогонаи муаллиф ба корхонаҳо ва минтақаҳо имкон медиҳанд, ки бештар тақсимоти сармоягузориҳоро асоснок ба роҳ монда, истифодаи оқилона ва самараноки онҳоро таъмин намоянд, ки ба афзоиши самаранокии иқтисодии на танҳо иқтидори сармоягузорӣ, балки умуман истеҳсолоти кишоварзӣ мусоидат хоҳанд кард.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дақиқии маълумотҳо, кифоягии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишороти муаллифи он тасдиқ менамояд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назаривӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот бо Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст. Объект, мавзуъ ва навгониҳои диссертатсия ба бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат менамояд: 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва маконии инкишофи хоҷагии қишлоқ; 1.25. Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Лоиҳаҳои инвеститсионии қаламравӣ.

Муҳити инвеститсионӣ бо дарназардошти воҳидҳои минтақавӣ-маконӣ. Баланд намудани диққатҷалбкунии инвеститсионӣ ва истифодаи самараноки лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақаҳо.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф асосҳои танзими давлатии сармоягузории кишоварзии минтақаро омӯхта, роҳҳои мукаммалгардонии механизмҳои танзими давлатии сармоягузории кишоварзиро коркард ва дурнамои рушди онро дар минтақа таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Хулоса ва натиҷаҳои рисолаи мазкур ба Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон (№01/227 аз 30.04. 2020), Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (№3-2/1363, аз 22.04. 2020) барои истифода пешниҳод шуда, санад оид ба татбиқи пахлуҳои он мавҷуд аст. Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, семинару конфронсҳои дохилидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (солҳои 2013-2022) борҳо муҳокима шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асосёфта дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз фанҳои «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Сармоягузорӣ», «Иқтисоди миллӣ» ва «Иқтисодиёти корхонаҳо» истифода шуда истодаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 14 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯи маҷаллаву нашрияҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр гардидаанд. Ҳаҷми умумии корҳои илмии чопгардида оид ба мавзуи диссертатсия 6,5 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия 179 саҳифаи матни компютериро дар бар гирифта, аз 24 ҷадвал, 10 расм ва 2 диаграмма иборат буда, феҳристи адабиёти истифодашуда 208 маъхазро ташкил медиҳад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи рисола, дараҷаи таҳқиқи илмии он, объекту матлаби таҳқиқот, асоснок кардани мақсаду вазифаҳои таҳқиқот матраҳ гардида, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва навгонии механизми танзими давлатии сармоягузории кишоварзии минтақа ва пешниҳоди амалӣ оид ба такмили он нишон дода шудааст.

**Дар боби аввал – «Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатии рушди сармоягузории кишоварзии минтақа»,** муаллиф ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, асосҳои методологии омӯзиши фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи истеҳсолоти кишоварзӣ, татбиқи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар танзими давлатии ин фаъолият таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки омилҳои ба фаъолияти сармоягузорӣ таъсиргузор, аз рӯи сатҳ гуногунанд (расми 1).




**Расми 1. Сатҳи фаъолияти сармоягузорӣ ва омилҳои муайянкунандаи он***

***Сарчашма: муаллиф таҳия намудааст.***

Дар рафти таҳқиқот муайян карда шуд, ки дар сатҳи минтақаи таҳқиқшаванда аз охири асри 20 камшавии ҳаҷми маблағҳои буҷетӣ барои танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ ба назар мерасад ва дар ин асос, диссертант ба таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар робита ба танзими равандҳои сармоягузорӣ аз ҷониби давлат муроҷиат кардааст. Маълум гардидааст, ки умуман амалияи хориҷӣ бар пояи зарурати дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ дар шароити бозор асос ёфтааст. Таҷрибаи ИМА ва Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки кишварҳои пешрафта ҳамасола ҳаҷми маблағҳоро барои дастгирии соҳаи кишоварзӣ зиёд мекунанд. Чунончи, дар Иттиҳоди Аврупо дар солҳои 1997-2009 ин рақам 25% ва дар ИМА то 200% афзоиш ёфтааст. Ба

ифодаи пулӣ ин рақам дар Иттиҳодияи Аврупо ба ҳар сари аҳолӣ 480 ва дар ИМА 271 доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 1. - Гурӯҳбандии ақидаҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ***

| Намояндагони мактабҳои иқтисодӣ | Ақидаҳо оид ба танзими давлатии сармоягузорӣ |
|---|---|
| Ҷ.Гобсон | Давлат бояд шароитеро, ки ба рушди фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат мекунад, фароҳам оварад. |
| А.Пигу | Давлат метавонад ба иқтисодиёт бе эҷоди монеаҳо барои фаъолияти озоди механизмҳои бозорӣ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ таъсир расонад. |
| Р.Ховард | Заминаи иқтисодии ҳар як кишвар сиёсати пулию қарзӣ ба ҳисоб меравад, барои он ки чунин сиёсат самарабахш гардад, назорати давлатии пешбурди фаъолияти бонкӣ зарур аст. |
| Ҷ.М.Кейнс | Фаъолияти сармоягузорӣ нисбатан муътадил буда, нисбат ба соҳаи талабот фарқ карда, сиёсати иқтисодии танзими макроиқтисодӣ бояд ба амалҳои муносибатҳои бисёрҷониба асос ёбад. |
| С.С.Шаталин | Механизмҳои чандири танзими давлатии нархҳо, қарзҳо, субсидияҳо ва андозҳо заруранд. |
| Л.И. Абалкин | Давлат бояд барномаҳои бузургтарини марбут ба фаъолияти сармоягузориро бо мақсадҳои экологӣ, кушодани соҳаҳои нав ва ғ. аз буҷети давлатӣ амалӣ намояд. |
| А.Г. Аганбегян | Вазифаҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузории дар кишварҳои пешрафта ҳалшаванда мунтазам барои осон ва бартарафнамоии равандҳои манфие, ки бо муносибатҳои бозаргонӣ вобастаанд, равона мегарданд. |
| Р.К. Раҳимов, Т.Р. Ризоқулов, Г.М. Узақова | Танзими давлатии сармоя аз ҳисоби дарёфти роҳҳои иқтисодиёти ғайрирасмӣ бояд сурат гирад, ки сарчашмаи асосии сармоягузорӣ шуда метавонанд. |
| М.Сузуки, Л.Ҳ. Саидмуродов, А.А. Солиев | Танзими давлатии сармоя аз ҳисоби танзими ҳаракати сармоя ва дигар омилҳо сурат мегирад, ки ба сатҳи кушодии иқтисодиёт таъсир мерасонанд. |
| Ҳ.У.Умаров, Ғ.Расулов | Дар бозори ҷаҳонии сармоя Тоҷикистон, ҳамчун қарзгиранда боқӣ монда, бо пасандози дохилии нокифоя барои ҷалби сармояи хориҷии мустақим эҳтиёҷи зиёд дорад, ки танзими сармоягузорӣ дар ин самт бояд васеъ роҳандозӣ гардад. |
| Б.С. Музаффаров | Моҳияти сармоя дар фондҳои истеҳсолӣ, замин, коғазҳои қиматнок, пасандозҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ, сармояи инсонӣ ва ғайра ифода меёбад, ки чунин шаклҳои гуногуни даромадро таъмин менамояд: рента, фоиз, дивиденд, маблағҳои иҷоравӣ ва ғайра. Давлат бояд ин фишангҳоро танзим намояд. |
| Ҷ.Х. Тағоев | Ҷолибияти сармоягузории минтақа ба фазои сармоягузорӣ вобаста буда, ҷаззобияти сармоягузорӣ натиҷаи муҳити муқарраршудаи сармоягузорӣ мебошад. |
| Қ.Қ. Давлатов, М.М.Саторов | Ҷолибияти сармоягузории минтақа ин маҷмуи омилҳои мусбӣ ва манфӣ ба бартарияти сармоягузор дар интихоби объекти сармоягузорӣ мебошад, ки дар он омилҳои мусбӣ аз омилҳои манфӣ зиёданд ва омилҳои манфӣ ба осонӣ бартараф карда мешаванд. |
| С. Маъдиев | Сармоягузорӣ барои зиёд гардидани коркарди маҳсулоти соҳаи хоҷагии қишлоқ ва истеҳсоли саноатӣ имконияти созгорро фароҳам меоварад. |

****Сарчашма: муаллиф таҳия намудааст.***

Барои муқоиса, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми маблағҳои буҷетӣ барои дастгирии соҳаи кишоварзӣ бо ифодаи пулӣ ба ҳар сари аҳолӣ ҳамагӣ 10 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди он, ки нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии Тоҷикистон бо нишондодҳои ин кишварҳо қобили муқоиса нестанд, аммо маблағи

андаке, ки барои дастгирии давлатии соҳа ҷудо мешавад, ҳатто аз рӯи меъёрҳои мо хеле ночиз аст.

Муаллиф дар диссертатсия мафҳуми танзими давлатии равандҳои иқтисодиро ба он маъно ироа кардааст, ки давлат метавонад бо истифода аз маҷмуи воситаҳои мавҷуда ба ҳолати базаи моддию техникӣ, ҳаҷми истеҳсолот, коркард, тақсимот ва ба фурӯш баровардани маҳсулот таъсир расонида, бо ҳамин, соҳаи кишоварзиро дастгирӣ намояд. Зимнан зикр гардидааст, ки бидуни дастгирии давлат фаъолияти муътадили истеҳсолоти кишоварзиро дар минтақа таъмин кардан ғайриимкон аст, танҳо давлат метавонад амнияти озуқаворӣи минтақаро таъмин намуда, барои рафъи оқибатҳои бӯҳронҳои дар солҳои охир зуд-зуд такрорёбанда шароит фароҳам оварад, бидуни дастгирии бояду шояди давлатӣ кам кардани тафовути даромади коргари соҳаи кишоварзӣ ва коргари дигар соҳаҳо имконнопазир аст.

Зимни таҳқиқот муаллиф равишҳои асосии илмиеро, ки аз ҷониби олимони иқтисодшинос оид ба усулҳои танзими давлатии сармоягузорӣ муқаррар шудаанд, гурӯҳбандӣ кардааст. Диссертант андешаҳои олимони муосирро оид ба механизмҳои танзими давлатӣ таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки барои татбиқи он вобаста ба хусусиятҳои вилояти Хатлон заминаи дахлдори меъёрию ҳуқуқиро ташаккул дода, чунин як механизм таҳия карда шавад, мақсад ва вазифаҳои тактикию стратегии ноил шудан ба он, афзалиятҳо муайян карда шаванд. Танзими сармоягузории беруна дар бозори дохилии сармоя, таъмини ҷанбаҳои иҷтимоӣ, сармоягузории мустақим барои ноил шудан ба мувозинати тақозо ва арза, тақсимоти оптималии маблағҳо дар соҳаҳо ва бахшҳо ва амсоли он зарур мебошад.

Муаллиф дар рисола иқтидори сармоягузории корхонаҳои кишоварзиро муайян намуда, таснифоти онҳоро аз рӯи рутбабандӣ пешниҳод кардааст. Иқтидори сармоягузории корхонаҳо дар диссертатсия ба паст, муътадил ва миёна арзёбӣ гурӯҳбандӣ карда шудааст (расми 2).




**Расми 2. Алгоритми арзёбии иқтидори сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ***

***Сарчашма: муаллиф таҳия намудааст.***

Муайян гардидааст, ки имкониятҳои сармоягузории корхона бо хатарҳои сармоягузорӣ дар ҳамбастагӣ қарор доранд. Дар навбати худ, хавфҳои сармоягузорӣ ба

хавфҳои молиявӣ ва иқтисодӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Барои муайян кардани дараҷаи ҷолибияти инвеститсионии корхонаи кишоварзӣ инчунин дараҷаи фарсудашавии фондҳои асосӣ ва дигар нишондиҳандаҳоро ба назар гирифтан лозим меояд.

Дар диссертатсия корхонаҳои кишоварзӣ аз рӯи хавфҳои сармоягузорӣ ба паст, миёна ва баланд, аз рӯи ҷамъбасти холҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Ҷолибияти сармоягузории корхонаҳо аз рӯйи иқтидори сармоягузорӣ баҳогузорӣ карда шуда, нақшаи муайянсозии ҷолибияти сармоягузориҳои корхонаҳои кишоварзии минтақа нишон дода шуд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.- Гурӯҳбандии корхонаҳои кишоварзии минтақа аз рӯи сатҳи ҷолибияти сармоягузорӣ***

| **Гурӯҳи корхонаҳо аз рӯи ҷолибияти сармоягузорӣ** | **Гурӯҳи корхонаҳо аз рӯи сатҳи иқтидори сармоягузорӣ** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **иқтидори сармоягузории баланд** | **иқтидори сармоягузори и миёна** | **иқтидори сармоягузории муътадил** | **иқтидори сармоягу-зории паст** |
| Корхонаҳои бо таваккали баланд | Иқтидори баланд-таваккали баланд | Иқтидори миёна-таваккали баланд | Иқтидори муътадил-таваккали баланд | Иқтидори паст-таваккали баланд |
| Корхонаҳои бо таваккали сармоягузории муътадил | Иқтидори баланд-таваккали муътадил | Иқтидори миёна - таваккали муътадил | Иқтидори муътадил - таваккали муътадил | Иқтидори паст - таваккали муътадил |
| Корхонаҳои бо таваккали сармоягузории паст | Иқтидори баланд - таваккали паст | Иқтидори миёна - таваккали паст | Иқтидори муътадил - таваккали паст | Иқтидори паст - таваккали паст |

***Сарчашма: муаллиф таҳия намудааст.***

Дар доираи нишондиҳандаҳои ҷадвал корхонаҳо ба се гурӯҳ (якум, дуюм, сеюм) ҷудо карда шуда, таъсири таваккали ҷолибияти сармоягузорӣ ва мавқеи онҳоро таҳлил намудан имконпазир аст.

Қайд кардан зарур аст, ки гурӯҳбандии корхонаҳо ва ҳаллу пешгирии хавфҳои дар онҳо ошкоргардидаву пешгӯишаванда аз ҷониби давлат тавассути мақомоти минтақавӣ бояд мунтазам ба танзим даровarда шавад. Мутаассифона, чунин таҳлилҳо кам гузаронида мешаванд ва ё қариб, ки вонамехӯранд, ки боиси зиёд гардидани хавфҳо ва муфлисшавии корхонаҳои кишоварзии минтақа гардида истодаанд.

Давлат вазифаҳои худро бо истифода аз усулҳои гуногуни таъсиррасонӣ ба иқтисодиёт иҷро мекунад. Бо вуҷуди ин, ҳамаи шаклҳои асосии танзимро дар маҷмуъ ба 2 гурӯҳ ҷудо мекунанд (расми 3).

Дар диссертатсия дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда муайян карда шуд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули бозори маҳсулоти кишоварзӣ бо иқтисодиёти бисёрзинагӣ ногузир аст, ки дар он муддати тӯлонӣ мавқеи бештарро типҳои гуногуни шаклҳои хоҷагидории ҷамъиятӣ ишғол хоҳанд кард. Бояд дар назар дошта шавад, ки сохтори дохилии ташкилию ҳуқуқӣ нақши калидиро намебозад.

Ба воситаи механизмҳои андозҳои ғайримустақим (андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо ва боҷҳои гумрукӣ) давлат метавонад ба ҳаҷми воридоти молҳо таъсир расонида, бо ин васила, бозори дохилиро аз рақобати беруна ҳифз намояд.




**Расми 3. Усулҳои танзими давлатии иқтисодиёт***
***Сарчашма: муаллиф таҳия намудааст***

Муайян карда шуд, ки андозбандӣ барои аҳолӣ дар вақте ки то 20 фоиз аз даромади умумӣ ситонида мешавад, ба фаъолияти соҳибкорӣ халал намерасонад. А. Лаффер нишон дод, ки бо дараҷаи баландшавии меъёри андоз ҳаҷми воридоти андозӣ ба як дараҷаи муайяне то ба ҳудуде меафзояд, ки афзоиши минбаъдаи он ба коҳишёбии ҳаҷми воридоти андозӣ оварда мерасонад.

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки сармоягузорӣ дар баробари рушди соҳаи кишоварзӣ дар таъмини бехатарии озуқаворӣи мамлакат ва дар ин радиф, таъмини самараноки захираҳои соҳа низ нақши назаррас мебозад.

Гуфта мешавад, ки мафҳуми «сармоягузорӣ» сарфи назар аз фаровонии равишҳои илмӣ ва методологӣ, ҳанӯз пурра ошкор нашудааст, вале дар шакли нисбатан ҷамъбастшуда аз ҷониби муаллиф нишон дода шудааст, ки «ҳамаи шаклҳои сармоягузорӣ ба намудҳои моликияти моддӣ ва зеҳнии субъектҳои хоҷагидор барои ба роҳ мондани фаъолияти сармоягузорӣ ва ба даст овардани фоида» мебошад.

Муаллиф ҳамчун самти тавсияшаванда соҳаи инноватсиониро ҷудо мекунад, ки он бо суръати тези пешрафти илмию техникӣ, афзоиши рақобати байни агентҳои иқтисодӣ вобаста аст. Тафсири муаллифи раванди сармоягузорӣ ҳамчун падидаи бисёрсатҳӣ дода шудааст, ки дар ҷараёни он фаъолияти сармоягузорӣ сурат мегирад. Раванди сармоягузорӣ чунин давраҳоро дар бар мегирад, ба монанди ҷустуҷӯи манбаъҳои молиявӣ дар бозорҳои сармояи дохилӣ ва хориҷӣ (ҷамъоварии маблағҳои ҷалбшуда ва қарзӣ); табдил додани манбаъҳои молиявӣ ба маблағгузории асосӣ (хароҷоти маблағҳо) ва ба маблағгузорӣ; табдил додани маблағҳои қарзӣ ё худӣ дар шакли сармоягузорӣ ба арзиши нави истеъмолӣ.

Сатҳи навбатии муайянкардаи муаллиф баргардонидани маблағҳои гузошташударо дар ҳаҷми ҷамъшуда дар шакли фоида ё манфиатҳои дигар дар бар мегирад. Маҳз ҳамин сатҳ ноил шудан ба ҳадафи ниҳоии сармоягузориро дар назар дорад.

Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки татбиқи маблағгузории соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи зарурӣ ҷолибияти сармоягузории соҳаҳои афзалиятнокро баланд намуда, ба афзоиши ҳосилнокӣ дар соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ таъсири назаррас мерасонад.

Ба андешаи муаллиф, барои таъмини кафолатноки устувории бахши кишоварзӣ бо захираҳои сармоягузорӣ қабули қонун дар бораи фонди инноватсионӣ ва сармоягузории комплекси агросаноатӣ мувофиқи мақсад мебошад. Гузашта аз он, рушди фаъолнокии инноватсионӣ бо қоидаҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо маҳдуд намегардад, вале фаъолияти сармоягузорӣ ба рӯйхати тадбирҳои маҳдудкунандаи ин созмон, ки бояд ихтисор гарданд, дохил мешавад. Бо назардошти ҳамин, қонуни мазкур ба шарти қабул шуданаш дар мақомоти дахлдор метавонад, ки натиҷаҳои мавриди назарро биёрад.

Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузориҳои бахши кишоварзӣ ба таҳияи рейтинги хоҷагиҳо асос меёбад. Ба ҳайси манбаи иттилоот маълумоти ҳисоботи молиявии ташкилотҳои кишоварзӣ дар минтақа баромад мекунанд. Дар асоси онҳо, ҳисобкунии нишондиҳандаҳои мувофиқе, ки иқтидори алоҳидаи инфиродиро тавсиф менамоянд, ба роҳ монда мешавад.

**Ҷадвали 3. - Фазои сармоягузорӣ ва унсурҳои таркибии он***

| **Фазои сармоягузории байниминтақавӣ** | **Фазои сармоягузории байнисоҳавӣ (ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёти соҳавӣ)** | **Фазои сармоягузории КАС (ҷолибияти сармоя-гузории хоҷагии кишо-варзии минтақа)** |
|---|---|---|
| Иқтидори табиӣ-захиравӣ | Омили молиявӣ-қарзӣ | Иқтидори истеҳсолӣ |
| Иқтидори молиявӣ-қарзӣ | Омили бозорӣ | Иқтидори иқтисодӣ |
| Иқтидори инфрасохторӣ | Базаи моддӣ-техникии соҳаҳо | Иқтидори молиявӣ |
| Иқтидори илмӣ-технологӣ ва инноватсионӣ | Нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ | Иқтидори иҷтимоӣ |
| Иқтидори кадрӣ | Иқтидори сармоягузорӣ | Иқтидори инфрасохторӣ |
| Омилҳои бозорӣ | | |
| Омилҳои иҷтимоӣ | | |
| Омилҳои ташкилӣ-идоравӣ | | |

***Сарчашма: муаллиф таҳия намудааст.***

Чунин баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузориҳои кишоварзӣ дар минтақа ва субъектҳои соҳибкории инфиродӣ кафолати самаранокии фаъолияти сармоягузориро барои сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ зиёд менамояд. Корхонаҳо имкон пайдо менамоянд, ки стратегияи дарозмуддати фаъолияти сармоягузории худро дар вобастагӣ бо иқтидори бозори истеъмолӣ инкишоф диҳанд, аз ин рӯ, давраи татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ бо дарназардошти сатҳи рушди инфрасохтори сармоягузорӣ баҳо дода мешавад.

Таҷрибаи ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон низ амалӣ шуда истодааст, ки мисоли он Минтақаҳои озоди иқтисодии Панҷ ва Данғара ба ҳисоб меравaнд. Лекин қайд кардан зарур аст, ки дар ин минтақаҳо бештар ба соҳаи саноат

афзалият дода шудааст. Ба андешаи муаллиф, зарурати рушди кишоварзӣ низ пеш меояд, аз ҷумла барои соҳаҳои афзалиятноки кишоварзӣ, ҷиҳати таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа ва ҷумҳурӣ.

Дар ниҳоят, фаъолнокии сармоягузорӣ дар минтақа аз ҷолибияти сармоягузории он вобаста мегардад (расми 4).




**Расми 4. - Схемаи ташаккулёбии сармоягузории минтақа***

***Сарчашма: муаллиф таҳия намудааст.**

Ҳамин тавр, мо дар таҳлили муҳити сармоягузорӣ дар сатҳи як вилояти мушаххас, як қатор камбудиҳоро ошкор намудем, аз ҷумла, риоя накардани интизоми шартномавӣ, баъзан ҳатто аз тарафи мақомоти давлатие, ки ба сифати тарафҳои шартнома баромад мекунанд, ки ин омил ба нокомии рейтинги қарзӣ дучор карданаш мумкин аст. Пеш аз ҳама, пешниҳод накардани маълумоти зарурӣ ба сармоягузорони эҳтимолӣ боиси он мегардад, ки дар ниҳоят, ҳуқуқи сармоягузор метавонад поймол шавад. Зеро қонунгузории амалкунанда муваззаф кардааст, ки ба онҳо чунин маълумот дода шавад.

Муаллиф дар қатори омилҳое, ки ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ монеъ мешаванд, сарбории аз ҳад зиёди андоз, сатҳи баланди коррупсия, рушди нокифоя ва суботи нокифояи низоми бонкии кишвар, сустии муассисаҳои молиявӣ, мушкилоти дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ, рушди сусти низоми баҳисобгирӣ, танзими сахти асъорӣ, тағйирот дар қонунгузорӣ дар соҳа, зуд-зуд тағйир додани меъёрҳои Кодекси андоз ва ғайраро номбар кардааст, ки дар ниҳояти кор имкони ҷалби сармояро маҳдуд мекунанд.

**Дар боби дуюм - "Ҳолати муосир ва асосҳои институтсионалии сармоягузории кишоварзии вилояти Хатлон"** таҳлили баҳои ҳолати муосири фаъолияти сармоягузории истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон, асосҳои институтсионалии сармоягузории истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон ва танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ ва беҳтаргардонии низоми андозбандӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия зимни таҳлилҳо муайян карда шуд, ки нишондиҳандаҳои соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон давоми солҳои 1991-2020 асосан тамоюли манфӣ доранд, ҳарчанд масоҳати киштзорҳо зиёд гардида бошанд ҳам, заминҳои шудгор кам шудаанд. Ин тамоюл аз он шаҳодат медиҳад, ки заминҳо ба хоҷагиҳои аҳолӣ гузашта бошанд ҳам, бо сабаби набудани маблағҳои дастрас – сармоягузориҳои арзон фаъолияти ин корхонаҳо рушд наёфта истодааст. Далели гуфтаҳои боло ин зиёдшавии шумораи хоҷагиҳои деҳқонии муфлисгардида дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 ба 415% ва маблағи зарари корхонаҳои кишоварзӣ бошад, дар соли 2020 нисбати соли 2015 ба 140% мебошад.

Муқаррар карда шуд, ки дар баъзе аз ноҳияҳои вилоят рушди фаъолияти соҳибкории хоҷагиҳои деҳқонӣ қаноатмандкунанда нест, пеш аз ҳама, дар ноҳияи Вахш, Ҷайҳун, Муминобод, Ёвон, Панҷ, Ҷ.Балхӣ. Дар ноҳияҳои мазкур афзоиши шумораи солонаи соҳибкории мазкур аз 2,4 то 4,1% мебошад. Дар ноҳияҳое, ки дар онҳо ҳаҷми сармоягузорӣ қаноатмандкунанда нест, фаъолияти соҳибкории хоҷагиҳои деҳқонӣ низ дар онҳо рушди устувор надоранд.

Расидан ба сатҳи мусбии нишондиҳандаҳои соҳаи кишоварзӣ аз татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳа вобаста мебошад. Ба ҳолати 1 январи соли 2022 дар сатҳи ҷумҳурӣ лоиҳаҳои амалкунандаи сармоягузории соҳаи кишоварзӣ дар доираи 3 лоиҳа 183,1 млн сомонӣ (16,2 млн доллари ИМА) ё ин ки 116 фоизи нақша аз худ карда шудааст. Новобаста ба ин рақамҳо ҳастанд лоиҳаҳое, ки азхудкунии маблағҳо аз онҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Барои исботи ин гуфтаҳо рафти азхудкунии маблағ ва иҷрои нақшаҳои молиявиро дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунандаи соҳаи кишоварзӣ дар ҷадвали 4 дида мебароем.

Аз маълумоти ҷадвал муайян гардид, ки дар доираи лоиҳаи «Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ» захираҳои сармоягузорӣ нисбатан қаноатбахш азхуд карда шудааст (84%). Аз лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа» 33% аз худ карда шуда, то ба ҳол аз ҳисоби лоиҳаи «Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ» захираҳои сармоягузорӣ барои соҳаи кишоварзӣ азони худ карда нашудааст. Аз рақамҳои зикршуда чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки рафти азхудкунии маблағ ва иҷрои нақшаҳои молиявӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи зарурӣ қаноатбахш нест. Вобаста ба ин, рушди фаъолияти сармоягузории соҳаи кишоварзиро аз тариқи азхудкунии захираҳои сармоягузорӣ муҳим мешуморем.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар доираи қонунгузориҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ дар ҷалби сармоягузорӣ зиёда аз 97 имтиёз муқаррар карда шудааст. Лекин тавре дар таҳлилҳо муайян гардид, ҳанӯз барои ташкили шароити мусоиди ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва ҷоннокшавии сармоягузории дохилӣ кифоя нест. Ба ақидаи муаллиф, зарурати ҳамоҳангсозии маҷмуии консепсияву барномаҳо ва қонунҳои амалкунандаи иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаи андозӣ, гумрукӣ, бонкӣ ва тамоми дигар шохаҳои иқтисодӣ ва ба он вобаста мебошад. Шаҳодати ин гуфтаҳо гаронии аз ҳад зиёди андозӣ – 67,5%, меъёри баланди қарзгузорӣ – аз 18 то 42%, пардохтҳо ва боҷҳои гуногун, иҷозатномаҳои соҳавӣ ва дигар монеаҳо ба ҳисоб мераванд.

**Ҷадвали 4.- Рафти азхудкунии маблағ ва иҷрои нақшаҳои молиявӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар соҳаи кишоварзӣ *(ба ҳолати 1 январи соли 2022)***

*бо ҳазор доллар*

| Номгӯи агентиҳои амаликунанда | Номи лоиҳа / сарчашмаҳои маблағгузорӣ | Давраи татбиқи лоиҳа | Маблағи умумии лоиҳа | Маблағи азхудшуда аз оғози татбиқ | | Азхудкунии маблағ дар соли 2021 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | (ҳаз. долл. ИМА) | (%) | Маблағи азхудшуда (ҳаз. долл. ИМА) | Нақшаи молиявӣ (ҳаз. долл. ИМА) | Иҷроиши нақшаи молиявӣ (%) |
| МД «Маркази татбиқи лоиҳаи «Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот» | Лоиҳаи «Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ»[1] *(Бонки Ҷаҳонӣ, саҳми бенефитсиарҳо)* | 27.02.2015 *Тамдид: 30.06.2022* | 28 863,0 | 24 403,8 | 84% | 8 029,2 | 6 193,0 | 130% |
| МД «Маркази идораи лоиҳаи «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо» | Лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа» *(Фонди байналмилалии рушди соҳаи кишоварзӣ, саҳми Ҳукумати ҶТ, ташкилотҳои хизматрасон ва аҳолӣ)* | 08.02.2018 31.03.2024 | 39 322,0 | 13 074,6 | 33% | 8 167,4 | 7 723,0 | 106% |
| МД «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» | Лоиҳаи «Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ» (Бонки Ҷаҳонӣ) | 30.06.2021 30.11.2026 | 58 000,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| **Ҳамагӣ дар соҳа** | | | **126 185,0** | **37 478,4** | **30%** | **16 196,6** | **13 916,0** | **116%** |

[1]Бахшҳои I, II (B) ва III-и лоиҳа, ки аз ҷониби Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» амалӣ карда мешуд, ба анҷом расида, аз феҳрист хориҷ карда шуд.

Дар шароити муосир зарурати рушди дастгирии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва бахусус кишоварзӣ аз ҷониби муассисаҳои молиявию қарзии кишвар, ташкили бозори коғазҳои қиматнок пеш омада, ҳамчун масъалаи аввалиндараҷа бояд баррасӣ гардида, барои рушди сармоягузории кишоварзии минтақаҳо равона гардад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 118, зербанди 8-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, истеҳлоки воситаҳои асосии субъектҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ набуда, хело муддати тӯлонӣ давом мекунад – агар арзиши воситаҳои асосӣ аз 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад, истеҳлок ҳисоб карда мешавад. Ба ақидаи муаллиф, чунин таҷриба бояд дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бартараф карда шуда, қоидаҳои истеҳлок ба талаботи стандартҳои байналмилалии молиявӣ мувофиқ карда шаванд.

Муайян карда шуд, ки рушди солонаи маҷмуи маҳсулоти кишоварзии вилоят 0,03 маротиба буда, дар давраи солҳои 2015-2020 ҳамагӣ 0,13 маротибаро ташкил мекунад, ки аз сатҳи пасти рушд шаҳодат медиҳад. Бинобар ин, зарурати ҷалби ҳарчи бештари сармоягузорӣ ва татбиқи шаклу усулҳои маъмули сармоягузориро тақозо менамояд, хусусан яке аз шаклҳои ояндадори сармоягузорӣ барои минтақаи мо дар давраи гузариш ба бозор метавонад лизинг бошад.

Муайян карда шуд, ки сармоягузорӣ барои хариди техникаву таҷҳизот ва шумораи корхонаҳо хело афзоиш ёфтанд, ки ин аз сатҳи баланди талабот ба онҳо шаҳодат медиҳанд. Яке аз сабабҳои ин тамоюл дар он аст, ки ҳангоми ворид кардани техникаву таҷҳизоти нав ба ҷумҳурӣ имтиёзҳои андозӣ муайян карда шудааст. Тавре таҳлилҳои боло нишон медиҳанд, рушди соҳаи кишоварзӣ дар баробари воридшавии техникаву таҷҳизот дар сатҳи зарурӣ рушд наёфта истодааст. Тамоюли дигаре, ки садди рушди соҳаҳои минтақаи Хатлон ва умуман ҷумҳурӣ гардида истодааст, ин аз ҳад зиёд будани гаронии андоз – 67,5 аст. Техникаву таҷҳизот ворид мегарданд, лекин бо сабаби гаронии андоз фаъолияти корхонаву ташкилотҳоро пеш бурдан ва ё васеъ кардан имконнопазир мегардад, ки натиҷаи онҳоро дар сатҳи зарурӣ рушд накардани соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон – 0,03 маротибаи солона мушоҳида кардан мумкин аст.

Таҳлили фазои сармоягузории соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон хусусияти дуҷонибаи он – хавфи сармоягузорӣ ва иқтидори сармоягузориро дар мисоли корхонаҳои пешқадами кишоварзӣ, ки аз рӯи иҷрои онҳо рейтинги сармоягузории соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон хеле вобаста аст, ошкор намуд. Вобастагии мутақобилаи ҷолибияти сармоягузорӣ ва дараҷаи хавфҳои молиявӣ ошкор карда шуд, ки дар он муаллиф дараҷаи самаранокии фаъолияти иқтисодӣ, ҳаҷми қарзҳои таъхирнопазири корхонаҳои кишоварзӣ, нокифоя будани захираҳои молиявии худӣ, ки суботи молиявӣ аз он вобаста аст, дохил кардааст. Барои муайян намудани ҷолибияти сармоягузориҳои корхонаҳои кишоварзӣ, ки аз иқтидори сармоягузорӣ ва таваккали сармоягузорӣ иборатанд, аз ҷониби муаллиф, таҳлили тарафҳои манфӣ ва мусбии ҳолати корхонаҳои кишоварзӣ баррасӣ карда шуд, ки ҳангоми баҳодиҳии ҷолибии корхонаҳои вилояти Хатлон амалан аҳаммияти муҳим дорад.

Ба ҳар як нишондиҳанда ва ҳар як мавқеи корхона аз тарафи муаллиф бо назардошти таҳлили хавфи алоҳида баҳо дода шуда, дар натиҷаи он мавқеи корхонаҳои алоҳидаи кишоварзӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон нишон дода шудааст.

Нишондиҳандаи дигари муайян кардани дараҷаи ҷолибияти сармоягузории корхонаҳои соҳа, ки муаллиф таҳлил кардааст, фарсудашавии фондҳои асосии

истеҳсолӣ мебошад, ки ҳамбастагии байни рейтинги сармоягузорӣ ва хавфи фаъолияти иқтисодиро тавсиф мекунад. Бо ин мақсад нишондиҳандаҳои даромаднокии умумии фаъолияти иқтисодии корхона, қарзҳои мӯҳлаташ гузашта ва чи тавре ки дар боло нишон дода шуд, коэффитсиенти устувории молиявӣ таҳлил карда шуданд.

Дар диссертатсия муаллиф ҳар як бартарӣ ва камбудии ҳолати корхонаҳои кишоварзиро таҳлил кардааст, ки барои арзёбии ҷолибияти корхонаҳои вилояти Хатлон аҳамияти амалӣ дорад.

Дар асоси тавсифи хавфи иқтисодӣ ва рейтинги сармоягузориҳо муайян шуд, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии он фарсудашавии сармояи асосӣ ба ҳисоб меравад. Таваккали молиявӣ бошад, тавассути чунин нишондиҳандаҳо: суръати рушди (пастравии) фоиданокии умумӣ, ҳиссаи қарздории тамдидшуда ва коэффитсиенти суботи молиявӣ тавсиф карда мешавад.

**Дар боби сеюми диссертатсия** «Стратегияи танзими давлатии фаъолияти сармоягузории истеҳсолоти кишоварзӣ» муаллиф самтҳои тавсияшавандаи такмили раванди низоми давлатии фаъолияти сармоягузории истеҳсолоти кишоварзиро пешниҳод карда, танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ ва беҳтаргардонии андозбандӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ ва модели танзими фаъолияти сармоягузории истеҳсолоти кишоварзии минтақаи Хатлонро пешниҳод карда шудааст.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки агар ба фоизи зиёдшавии шумораи корхонаҳои фаъолияткунанда ва муфлисшуда нигарем, мушоҳида кардан мумкин аст, ки фоизи зиёдшавии корхонаҳои муфлисгардида 4 маротиба нисбати корхонаҳои фаъолияткунанда зиёд аст. Ин тамоюл аз он шаҳодат медиҳад, ки шароитҳои рушди корхонаҳои фаъолияткунанда дар сатҳи зарурӣ таъмин нестанд. Бинобар ин, зарурати таъмини шароити мусоиди рушд – сармоягузорӣ, қарздиҳӣ, андозбандӣ, суғуртавӣ, лизингӣ, дастгирии давлатӣ ва ғайраҳо пеш меояд.

Дар натиҷаи таҳлилҳои ҳолати молиявии корхонаҳои кишоварзӣ муайян карда шуд, ки дар маҷмуъ ҳолати умумии корхонаҳои кишоварзӣ дар ин давра пурра зараровар буда, тамоюли зиёдшавии он дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 2,4 маротиба ва ё 22,5 ҳазор сомониро ташкил менамояд. Ин нишондиҳанда ба ҳаҷми маҷмуи корхонаҳо 1,8 маротиба зиёд гардидааст, ки барои рушди кишоварзии минтақа хавфи баланд эҷод менамояд. Дар асоси таҳлили мазкур муайян карда шуд, ки ҳолати корхонаҳои кишоварзии минтақаи Хатлон тамоюли манфӣ дошта, танзими саривақтии давлатиро тақозо менамояд.

Дар асоси баҳои ҳолати сармоягузорӣ аз ҳисоби бонкҳо муайян карда шуд, ки ҳаҷми сармоягузориҳо аз ҳисоби маблағи қарзи бонкҳо ба соҳаи кишоварзӣ динамикаи манфӣ дошта, нишондиҳандаи мазкур соли 2020 нисбати соли 2015 ба маблағи 18110,4 ҳазор сомонӣ ва ё 26% кам гардидааст. Инчунин, ҳиссаи ҳаҷми сармоягузориҳо аз ҳисоби маблағи қарзи бонкҳо ба соҳаи кишоварзӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо аз ҳисоби қарзи бонкҳо ба вилояти Хатлон 11 банд ва ё 69% кам гардидааст, ки ин аз сабаби зиёд шудани ҳиссаи қарзҳо ба соҳаҳои дигар ба вуҷуд омадааст. Яъне, барои

бонкҳо айни замон соҳаи кишоварзӣ ҳамчун соҳаи дуюмдарача баромад менамояд, ки сабабаш дар камфоиданок ва зараровар будани корхонаҳои кишоварзӣ мебошад.

Дар рафти таҳқиқот барои таҳияи моделҳои эконометрикии танзими фаъолияти сармоягузории истеҳсолоти кишоварзии минтақаи Хатлон аз байни омилҳои зиёд истифодаи нишондиҳандаҳои критериявии зеринро ҷудо намудем. Дар модели регрессионии вобастагии МММ аз сармоягузорӣ коэффитсиенти детерминатсия $R^2 = 0{,}9137$ мебошад. Натиҷаи модел ба он оварда мерасонад, ки ҳангоми ба 0,2837 воҳид (сомонӣ) афзун шудани сармоягузории зарурӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ба ҳисоби миёна ба як воҳид (сомонӣ) МММ меафзояд.

**Ҷадвали 5. - Ҳолати сармоягузории вилояти Хатлон бо ҳаҷми МММ ва динамикаи ММК-и вилояти Хатлон***

| Солҳо | МММ млн сомонӣ | Сарчашмаи умумии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон | Сармоягузории зарурӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ | Маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Хатлон млн сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| 2012 | 9572.6 | 427.2 | 2097.1 | 9799.9 |
| 2013 | 9869.7 | 548.8 | 2843.4 | 10727.8 |
| 2014 | 11777.5 | 670.5 | 3389.6 | 11002.9 |
